Ҳисоботи
Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2020

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2020, №22/10 - 628 оид ба натиҷаҳои фаъолият дар ёздаҳ моҳи соли 2020 маълумоти зеринро манзур менамояд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти худро дар асоси сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, инчунин тибқи талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи вазифаҳои низомномавӣ тадбирҳои мушаххас андешида истодааст.

Дар ин давра, амалишавии Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2020, №АП-1325 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ»» зикр гардидаанд, дар мадди аввал қарор дошта, вобаста ба он аз 22 январи соли 2020, №7 фармоиши Раиси Кумита ба тасвиб расид, ки зимни он накшаи чорабиниҳо иборат аз 15 банд таҳия гардида, нишондиҳандаҳои микдорӣ ва сифатии паём ҷиҳати муайян намудани раванди рушди иҷтимоию иктисодии шаҳру ноҳияҳо мушаххас гардиданд.

Оид ба иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои паём, аз ҷумла бандҳои 32 ва 85, ки Кумита ба сифати иҷрокунандаи якум муайян гашта, аз тамоми иҷрокунандагон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маълумотҳои зарурӣ дастрас ва мавриди таҳлил қарор гирифта, аз натиҷаи он ахборот ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2020, №1/4 – 365 ва аз 16 ноябри соли 2020, №1/4 – 361 ирсол гардид.

Инчунин маълумот вобаста ба банди 96 аз 20 октябри соли ҷорӣ, №1/5 – 335 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Дар заминаи ичрои бандҳои дахлдор, тибқи мактуби дархостии Кумитаи рушди маҳал аз 24 январи соли 2020, №1/4 – 32 рӯзи 12 феврали соли ҷорӣ ҷаласаи Гурӯҳи корӣ бо иштироки намояндагони вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, кумитаҳои меъморӣ ва сохтмон, рушди сайёҳӣ, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, кор бо занон ва оила, кор бо ҷавонон ва варзиш, ҳифзи муҳити зист, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар сатҳи муовинон баргузор гардид.

Дар рафти ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён вобаста ба амалишавии бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳои паём таклифу пешниҳодҳои мушаххас манзур гардиданд.

Ҳамзамон, доир ба иҷрои бандҳои боқимонда, ки вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба сифати иҷрокунанда муайян гардидаанд, Кумита дар асоси вазифаҳои низомномавӣ ҳамкориву ҳамоҳангсозиро ба роҳ мондааст.

Робита ба ин, Кумита бо мақсади иҷрои банди 1 Нақшаи чорабиниҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯӣ намуда, мактуб аз 22 январи соли 2020, №1/5 – 30 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2020, №30/10-52 (6) оид ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 явнари соли 2020, №АП-1325 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” зикр гардидаанд, чораҳои зарурӣ андешида шуда, маълумоти муфассал аз 06 апрели соли 2020, №1/5-87 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Ҷиҳати иҷрои барқияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июли соли 2020, №10/10-26 бо мақсади таҳияи лоиҳаи матни паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ” таклифу пешниҳодҳо омода гардида, ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020, №1/5-251 ирсол гардид.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъмини иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 “Ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Протоколи ҷаласаи назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2018, №2к/39-24 чораҳои амалӣ андешида, дар асоси он фармоиши Раиси Кумита аз 6 июни соли 2018, №46 оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида, оид ба омодагӣ, корҳои сохтмону ободонӣ дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон, ки Раиси Кумитаи рушди маҳал ҳамчун намояндаи ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Гуруҳи корӣ оид ба таҳия ва амалӣ кардани нақшаи ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста гардидааст, иҷрои корҳои муайянро ба роҳ мондааст.

Бояд тазаккур дод, ки Нақшаи чорабиниҳои шаҳри Бохтар бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 307 банд бо маблағи 617 млн сомонӣ иборат мебошад. Тибқи маълумоти оморӣ ба ҳолати 01 сентябри соли 2020 дар шаҳри Бохтар 307 адад иншоотҳои сохтмонӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз он дар соли 2018 16 адад ба маблағи 31,7 млн сомонӣ (100%), 2019 103 банд ба маблағи 131,2 млн сомонӣ (100%), дар соли 2020 80 адад иншоотҳо ба маблағи 115,2 млн сомонӣ (83,3%) мавриди истифода қарор дода шуданд. Дар маҷмӯъ 199 адад иншоот бо маблағи 278,1 млн сомонӣ (65%) ба истифода дода шуд. То ин ҷониб 814 адад ҷойи кори доимӣ таъсис ёфтааст.

Доир ба ин масъала, тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 феврали соли 2020, №24/10-54 ва фармоиши Раиси Кумита аз 6 июни соли 2018, №46 оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин оид ба иҷрои банди 44 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2020, №1 барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта, амалӣ кардани тадбирҳои ободонии манзили зист, ҳудуди маҳаллаҳои шаҳри Бохтари вилояти Хатлон аъзоёни гурӯҳи кории Кумита аз 21 то 23 феврали соли ҷорӣ ба шаҳри Бохтари вилояти Хатлон сафари хизматӣ анҷом дода, аз натиҷаи корҳо мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Инчунин, тибқи барқияи ҳукуматӣ аз 19 феврали соли 2020, №24/10-7 оид ба баргузор намудани чорабиниҳои иди байналмилалии Наврӯз, Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - роҳбари гурӯҳи корӣ, намояндаи ваколатдор оид ба корҳои ободонию созандагӣ ҷиҳати сазовор ҷашн гирифтани 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Раиси Кумита, дигар шахсони масъули Кумита, ба шаҳри Бохтари вилояти Хатлон сафари корӣ анҷом дода, бо муовини Раиси вилояти Хатлон, Раиси шаҳри Бохтар ва дигар шахсони масъул нимаи аввали рӯзи 20 марти соли 2020 дар чорабиниҳои ба истифода додани иншооти ҷашнӣ бахшида ба иди байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Бохтар иштирок намуда, иншооти таъиноти гуногуни иҷтимоӣ аз қабили 4 адад биноҳои истиқоматии бисёрошёнаи бо марказҳои хизматрасонӣ, бинои маъмурии Корхонаи фаръии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” – и шаҳри Бохтарро мавриди истифода қарор доданд.

Роҳбари гурӯҳи корӣ – намояндаи ваколатдор дар шаҳри Бохтар ҳангоми иштирок дар чорабиниҳои ба истифодадиҳии иншоот дар хатнасур ва маросими супоридани калиди хонаҳои истиқоматӣ аз номи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кӯмакҳои молиявиро ба оилаҳои камбизоат тақдим намуд.

Аз натиҷаи сафари мазкур маълумоти муфассал ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2020, №1/4 – 82 ирсол гардид.

Дар ҳамин раванд Кумита лоиҳаи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Бохтар барои солҳои 2021-2025 – ро мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода, камбудиву пешниҳодҳо аз 28 августи соли 2020, №1/5-353 ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ирсол намуд. Инчунин лоиҳаи мазкур бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуд.

Ҷиҳати иҷрои банди 13 Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №1176 оид ба “Гузаронидани конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Баланд бардоштани мақоми шаҳрак ва деҳот дар сохтори давлатдории муосир»” ва бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” маълумотнома ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2020, №1/4-29 ирсол гардид.

Кумита бо мақсади иҷрои банди 34 Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2019, №АП-1176 "Дар бораи солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ҷиҳати дар сатҳи баланд баргузор намудани "Озмуни деҳот ва шаҳраки беҳтарин" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 Низомнома ва меъёрҳои муайян намудани ғолибони озмунро дар соли 2020 таҳия намуда, тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2020, №24/10-50 барои корбарӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ пешниҳод гардид.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардидаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе муайян карда шуд, ки қарори раиси шаҳри Душанбе аз 13 марти соли 2020, №172 бо ҳайати комиссияи Озмун, низомномаю меъёрҳои баҳогузорӣ таҳия ва тасдиқ гардида, ба ноҳияҳои шаҳр барои корбарӣ ва иҷро ирсол намудааст.

Дар асоси талаботҳои низомномаи Озмун мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе марҳилаи якуми Озмун дар сатҳи ноҳияҳои шаҳр то 20 августи соли 2020 баргузор гардида, аз 26 то 28 августи соли ҷорӣ бо иштироки аъзои комиссияи шаҳрӣ дар асоси протоколи ҷамъбастии комиссия аз 28 августи соли 2020, №2 дар даври дуюм ғолибонро дар номинатсияҳои оила, кӯча ва маҳаллаи беҳтаринро муайян намуда, дар рӯзҳои таҷлили ҷашни 29-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дипломҳои дараҷаи 1 бо мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 6 ҳазор сомонӣ, дараҷаи 2 бо 4 ҳазор сомонӣ ва дараҷаи 3 бо 2 ҳазор сомонӣ сарфароз гардониданд.

Инчунин, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон қарори Раиси вилоятро аз 19 марти соли 2020, №92 бо ҳайати комиссияи Озмун низомномаю меъёрҳои баҳогузорӣ таҳия ва тасдиқ намуда, ба шаҳру ноҳияҳои вилоят барои корбарӣ ва иҷро ирсол намудааст. Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида аз 30 июли соли 2020, №3/323 марҳилаи якуми Озмун то 1 ноябр дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва марҳилаи дуюм дар сатҳи вилоят то 20 ноябри ҷамъбаст гардида, ғолибони озмун муайян карда шудааст, ки дар маҷлиси ҷамъбастии солонаи вилоят бо тухфаҳо қадрдонӣ карда мешаванд.

Ҳамзамон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд қарори раиси вилоятро аз 24 июни соли 2020, №208 дар бораи гузаронидани озмуни вилоятии "Оила, кӯча, маҳалла, деҳа, деҳот ва шаҳраки беҳтарин" бо ҳайати комиссияи Озмун, низомномаю меъёрҳои баҳогузориро таҳия ва тасдиқ намуда, дар асоси қарори мазкур ҷамъбасти озмуни вилоятии "Оила, кӯча, маҳалла, деҳа, деҳот ва шаҳраки беҳтарин" гузаронида шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиш муайян гардид, ки комиссияи вилоятӣ аз байни ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти шаҳру ноҳияҳо, ки дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо беҳтарин ва ба озмуни вилоятӣ пешниҳод гардидаанд, ҳамчун ғолибони озмуни вилоятӣ "Оила, кӯча, маҳалла, деҳа, деҳот ва шаҳраки беҳтарин" интихоб карда шуда, дар асоси протоколи ҷаласаи ҳайати Комиссия ғолибони озмуни вилоятии "Ҷамоати шаҳрак ва деҳоти беҳтарин" дар маҷлиси ҷамъбастии солонаи вилоят мукофотонида мешаванд. Доир ба ҷамъбасти гузаронидани озмуни "Ҷамоати

шаҳрак ва деҳоти беҳтарин" дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар бо таҳлили мушаххас маълумоти муфассал ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2020, №1/4 – 426 ирсол карда шуд.

Вобаста ба иҷрои банди 21 Нақшаи чорабиниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2020, АП-1332 ҷиҳати дар сатҳи баланд баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: "Сайри гули лола" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021, Низомнома ва меъёрҳои муайян намудани ғолибони озмунро дар соли 2020 таҳия намуда, аз 23 январи соли 2020, №1/4-31 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Аз рафти иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №1176 доир ба бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" маълумот ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 августи соли 2020, №1/4-264 ирсол гардид.

Даври ҷамъбастии озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 дар соли 2020, ки рӯзи 18 апрели соли 2020 дар боғи фарҳангию фароғатии ба номи "Абулқосим Фирдавсӣ"-и шаҳри Душанбе таҳти роҳбарии Роҳбари гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ, аъзоёни гурӯҳи корӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳрҳои Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат ва ноҳияҳои Рӯдакӣ, Варзоб, Шаҳринав дар сатҳи баланд баргузор гардид, ки аз ҷониби шабакаҳои телевизионии ҷумҳурӣ наворбардорӣ шуда, манзури тамошобинон гардонида шуд. Аз натиҷаи озмун маълумоти муфассал ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 апрели соли 2020, №1/4 – 109 ирсол гардид.

Бояд қайд намуд, ки гузаронидани Озмуни ҷумҳуриявии гулҳо "Сайри гули лола" дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ аз сабаби фасли баҳор нисбат ба дигар манотиқи кишвар дертар фаро расидан тибқи нақша бояд, дар арафаи ҷашни Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешуд.

Тибқи маълумотҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҷумла, шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рушон, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим ва Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Панҷакент, ноҳияҳои Куҳистони Мастчоҳ, Деваштич ва Шаҳристони вилояти Суғд, шаҳри Роғун, ноҳияҳои Файзобод, Рашт, Нуробод, Лахш, Тоҷикобод ва Сангвор гарчанде, ки дар ин шаҳру ноҳияҳо корҳои назарраси ободонӣ, кабудизоркунию ниҳолшинонӣ ва бунёд намудани гулгаштҳо, тозаю озода намудани маҳали зист ба анҷом расонида бошандҳам бо назардошти муқаррароти сархати 3 банди 17 нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2020 №5 бо дарназартошти вазъиятӣ кунунӣ, бо мақсади пешгирии паҳншавии бемории сироятӣ фаъолияти театрҳо, клубҳо ва дигар ҷойҳои дилхушӣ, баргузор намудани конференсияву семинарҳо, дигар чорабиниҳои оммавӣ, тую маъракаҳо мувaққатан қатъ гардидан, аз ин лиҳоз гузаронидани озмуни мазкур ба таъхир гузошта шудааст. Доир ба масъалаи мазкур маълумоти муфассал аз 23 сентябри

соли 2020, №1/4 – 301 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Вобаста ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2020, №АП-1365 "Бо мақсади амалӣ намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ ҷиҳати пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус "COVID-19" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", протоколи машваратии кории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2020, №1к/25-2, протоколи ҷаласаи кории назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2020, №2к/20-25 оид ба "Вазъи сирояти коронавирус "COVID-19" ва Нақшаи чорабиниҳои Ситоди ҷумҳуриявӣ ҷиҳати пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ дар давраи пандемияи сирояти нави коронавирус "COVID-19" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта, Фармоиши Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 марти соли 2020, №28 қабул гардид.

Тибқи фармоиши мазкур Ситоди кории Кумита дар ҳайати 13 нафар таъсис гардида, Ситоди кории Кумитаро Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ менамояд.

Инчунин, Нақшаи чорабиниҳои Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 марти соли 2020 оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус "COVID-19" тасдиқ карда шуд.

Дар ин давра, зиёда аз 13 протоколҳои ҷаласаи назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъи сирояти коронавирус "COVID-19" дар ҷаҳон ва омодагиҳо ҷиҳати пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавирус "COVID-19" дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷро ва корбарӣ пешниҳод гардид.

Кумита ҷиҳати иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Ситоди ҷумҳуриявӣ ва супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2020, №4/25-6 оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ дар давраи пандемияи сирояти коронавирус "COVID-19" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамарӯза ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти мушаххас пешниҳод намуда, шакли электронии онро ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас менамояд.

Дар ин раванд, барои амалӣ гаштани қоидаҳои санитарию гигиенӣ Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро бо мақомоти ваколатдор ба роҳ монда, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия намуд. Фармоиши Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2020, №35 "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба фармоиши Раиси Кумита аз 24 марти соли 2020, №28" қабул гардид, ки дар даромадгоҳи бинои Кумита бо таҷҳизоти ҳароратсанҷӣ санҷидани ҳарорати кормандон ва ташрифовардагон ба роҳ монда шуд.

Ҷиҳати иҷрои банди 2-и протоколи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, №2к/24-25 барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус "COVID-19" аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳҳои апрел, май ва сентябри соли ҷорӣ дар

бинои Кумита ва утоқҳои корӣ корҳои профилактикӣ ва безараргардонӣ (дизенфексия) гузаронида шуд.

Дар робита ба ин, Ситоди кории Кумита оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус “COVID-19” якчанд маротиба маҷлисҳои худро гузаронида тибқи Нақшаи чорабиниҳои Кумита барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус “COVID-19” вазифадор карда шуд, ки ҳангоми эҳтимолияти пайдоиши бемории мазкур ба рақами кутоҳи телефонҳои боварии ситоди ҷумҳуриявӣ фаъолгардида: 311 ва 511 фавран хабар диҳанд.

Қобили қайд аст, ки Ситоди кории Кумита тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста ба паҳншавии сирояти коронавируси “COVID-19” маълумотҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ) дастрас гардидаро, пайваста ба кормандон аз ҳолати воқеӣ хабар расонида, аз хабарҳои бардурӯғ огоҳ менамояд.

Ҳамзамон, тибқи фармоишҳои Кумита ва Нақшаи чорабиниҳои он ҷиҳати омодагӣ оид ба паҳншавии сирояти коронавирус “COVID-19” барои кормандон маводи антисептикӣ, ниқобҳои яккарата ва бисёркарата, гипохлорид ва барои риояи қоидаҳои гигиенӣ хокаи ҷомашӯӣ, собунҳои моеъ барои дастшӯӣ, дастпоккунакҳои қоғазӣ, халати корӣ, матоҳои фаршшӯӣ ва дока то имрӯз ба маблағи 35223 сомонӣ харидорӣ ва захира карда, то ин давра истифода шудааст, ки аз ҷумла: ниқобҳои яккарата 2200 дона, ниқобҳои бисёрвақта 10 дона, антисептикҳои гуногунҳаҷм (90 мл, 250 мл, 500 мл, 600 мл, 6 л.) – 447 дона, гипохлорид 30 кг, хокаи ҷомашӯӣ ва хокаи рахш 80 адад, собуни моеъ 95 дона, собуни дастшӯӣ 80 дона, салфеткаи дастпоккунак 80 адад, дастпоккунаки тар 50 адад, латаи фаршшӯӣ 150 метр, дока 100 метр, лампаи дорои нурҳои ултрабунафш (квартсдор) ва таҷҳизоти ҳароратсанҷӣ мавҷуд мебошад.

Тибқи барқияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №24/10-15 ва аз 17 апрели соли 2020, №24/10-17 оид ба вусъатбахшии раванди корҳои ободонию бунёдкорӣ, баҳорӣ, баландравии нарху наво дар бозорҳо ва ҳамзамон доир ба татбиқи дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат оид ба андешидани чораҳои пешгирикунандаи паҳншавии бемориҳои сироятӣ рӯзи 6 апрели соли 2020 гурӯҳи корӣ бо роҳбарии Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндаи ваколатдор дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон зимни сафари хизматӣ вобаста ба масъалаи пешгирии бемории коронавирус “COVID-19” аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, томактабӣ ва муассисаҳои тандурустӣ, инчунин аз рафти бунёди иншоотҳои ҷашнӣ дар 26 маҳаллаҳои шаҳр шинос шуда, ҷаласаи корӣ баргузор намуда, ба масъулини шаҳри Бохтар оид ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2020, №АП-1365 ва иҷрои банди 44 Нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2020 №1 супоришҳои мушаххас дода шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар асоси санадҳои болозикр бо мақсади тарғибу ташвиқот оид ба пешгирии воридшавӣ ва сирояти коронавирус COVID-19 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гуруҳи кории Кумита аз 01 то 04 апрели соли 2020 ба шаҳри Бохтари вилояти Хатлон сафарбар гардида, корҳои фаҳмондадиҳиро дар маҳаллаҳои шаҳри Бохтар ба роҳ мондаанд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои Барқияи ҳукуматӣ аз 1 майи соли 2020,№24/10-19 вобаста ба пешгирии бемории коронавирус ҷиҳати анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо сокинони маҳаллаи Шафтолузори ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе гурӯҳи корӣ аз ҳисоби кормандони масъули Кумита дар ҳамкорӣ бо намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ сафарбар карда шуданд.

Дар маҳаллаи Шафтолузор 206 оила 1141 нафар истиқомат дошта, аз кучаҳои Саид Носир (44 оила), Ғафур Ғулом (7 оила), Гулдаст (17 оила), Лев Толстой (39 оила), Саноӣ (10 оила), Дамир Дустмухамедов (16 оила), Ҳамза Ҳакимзода (6 оила), Боқӣ Раҳимзода (20 оила) ва Шукуфон (54 оила) иборат мебошад.

Гуруҳи корӣ рӯзҳои 2-6 майи соли ҷорӣ корҳои фаҳмондадиҳиро бо усули хона ба хона дар кӯчаҳои маҳаллаҳои болозикр анҷом дода, ҳангоми суҳбат ба сокинон оид ба масъалаҳои ба таҳлуқа наафтидани шаҳрвандон, риояи қоидаҳои гигиению санитарӣ, ҳангоми гаштугузор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва суҳбат бо дигар шахсон риоя намудани фосила на камтар аз 1,5 метр, ҳангоми берун баромадан аз манзили истиқоматӣ ҳатман пӯшидани ниқоб, мунтазам бо собун шустани дастон, аз ду-се нафар зиёд ҷамъ нашудан дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ҷиҳати бештар дар хона будани шахсони аз 60-сола боло дастур дода шуд.

Инчунин, роҳҳои сироятшавӣ ва усулҳои пешгирии бемории коронавирус, аз ҷумла бо роҳи расидани заррачаҳои луоби даҳон ба чашм, бинӣ, даҳон, дастони ифлос, риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ дар даромадгоҳҳои хонаҳо, тоза кардани ҳуҷраҳои манзилҳо ва ҳавлиҳои истиқоматӣ ба саъми сокинон расонида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ, Кумитаи рушди маҳал қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2020, №64 “Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ва вазифаҳо барои соли 2020” – ро барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта, Фармоиши Раиси Кумита аз 6 феврали соли 2020, №9 таҳия ва тасдиқ намуд. Ҳамзамон, вобаста ба иҷрои сархати 1 банди 20 қарори мазкур ҷиҳати дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор таҳияи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чораҷӯӣ намуда, мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2020, №1/5 – 55 ирсол шудааст.

Инчунин, аз ҷониби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба таҳияи Нақшаи чорабиниҳо доир ба амалисозии Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 19 майи соли 2020 тасдиқ намуд. Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо доир ба татбиқи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия гардида, барои баррасӣ ба аъзои Гуруҳи кории байниидоравӣ аз 24 июни соли 2020, №1/5 – 198 ирсол карда шуд.

Робита ба ин, рӯзи 15 сентябри соли 2020 дар толори маҷлисгоҳи Кумита ҷаласаи якуми Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба таҳияи Нақшаи чорабиниҳо доир ба амалисозии Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 баргузор гардид.

Дар ҷаласа пешниҳоду мулоҳизаи вазорату идораҳои дахлдор ва макомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифт.

Дар охири ҷаласа бо дарназардошти пешниҳодҳо ва мулоҳизот Гурӯҳи кории байниидоравӣ қарори дахлдор қабул намуд, ки то 23 октябри соли 2020 лоиҳаи мувофиқашудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" барои баррасӣ бо тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Вобаста ба ин, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо доир ба амалисозии Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" таҳия гардида, барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор аз 8 октябри соли 2020, №1/5 – 400 ирсол гардид.

Ҳамзамон Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд менамояд, ки мутобиқи банди 24 Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, №522 тасдиқ шудааст, дар марҳилаи аввали ислоҳот (солҳои 2015 – 2020) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Консепсияи мазкурро тасдиқ намуда, лоиҳаи Стратегияи ислоҳоти идоракунии маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд.

Аз ин рӯ, Вазорати адлия пешниҳод менамояд, ки аввалан тағйирот ба банди 24 фармони зикршуда ворид гардида, баъдан лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ пешниҳод карда шавад.

Бо дарназрдошти хулосаи вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйирот ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, №522 таҳия гардида, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 2020, №1/5 – 359 ирсол гардид.

Робита ба ин, тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 ноябри соли 2020, №3339(24) масъалаи мазкур ба вазорату идораҳо барои омӯзиши ҳамаҷониба ва пешниҳоди таклиф ирсол карда шуд.

Дар ҷамъбаст бо дарназардошти хулосаи вазорату идораҳо лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" таҳия гардида, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2020, №1/5 – 416 пешниҳод гардид.

Ҳамзамон, ҷиҳати иҷрои сархати 2 банди 20 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2020, №64 ва банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 мактуб ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2020, №2/5-70 ирсол гардид. Бо дарназардошти эроду пешниҳодҳои Вазорати адлия лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такмил намуда, ба вазорат барои гирифтани хулосаи ҳуқуқӣ аз 7 декабри соли 2020, №1/5 – 492 пешниҳод карда шуд. Вобаста ба ин мактуб ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 декабри соли 2020, №1/5 – 389 ирсол карда шуд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 "Дар бораи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" – ро ба асос гирифта, аз 16 январи соли 2020, №3 Фармоиши Раиси Кумитаро таҳия ва тасдиқ намуд.

Инчунин, иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020, №116 “Дар бораи Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалисозии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон” – ро ба роҳбарӣ гирифта, аз 27 марти соли 2020, №29 Фармоиши Раиси Кумита таҳия ва тасдиқ гардид. Доир ба ин масъала мактуб ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2020, №1/4 – 296 ирсол карда шуд.

Ҳамзамон, Кумита оид ба рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №199 “Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2020-2021” маълумотнома то санаи 10 – уми ҳар моҳ тибқи тартиби муқарраргардида ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуда истодааст.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 апрели соли 2020, №390(24.2), рӯзи 22 апрели соли 2020 ҷаласаи сайёри Ҳайати мушовараи Кумитаро дар ноҳияи Шаҳринав баргузор намуд.

Дар ҷаласа рафти амалишавии банди 22 Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” барои солҳои 2019 – 2021, ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 тасдиқ гардидааст, масъалаи “Таъмини дастрасии истеъмолкунандагон бо қувваи барқ дар деҳоти ноҳияи Шаҳринав” мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифт.

Тибқи дастури болозикри Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати баррасӣ ва муҳокимаи масъалаи рӯзномаи ҷаласа, намояндагони вазоратҳои энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, ШСХК “Барқи тоҷик”, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” ва Муассисаи давлатии “Маркази идораи лоиҳаҳои бахши электроэнергетика” дар ҷаласа ширкат доштанд. Дар охири ҷаласа аз ҷониби аъзои Ҳайати мушовараи Кумита қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Аз натиҷаи ҷаласаи гузаронидашуда мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2020, №1/5 – 115 ирсол карда шуд.

Бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 2020, №24/10-439 ва банди 12 протоколи маҷлиси назди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.12.2020 с., №10-2 оид ба амалигардонии Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, № АП-1059, гуруҳи корӣ таҳти роҳбарии Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 то 13 декабри соли 2020 ба шаҳри Бохтари вилояти Хатлон сафари хизматӣ анҷом гардид.

Зимни сафари хизматӣ роҳбари гуруҳи корӣ, намояндаи ваколатдор дар шаҳри Бохтар, Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маъракаи ниҳолшинонӣ дар назди “Теппа”-и маркази шаҳр иштирок намуда, аз рафти корҳои сохтмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии мардумии Чин ва Федератсияи Россия сохта мешаванд, сохтмони Маркази перинаталӣ дар беморхонаи Қарияи Болои шаҳр, Муассисаи нақлиётии автомобилии корхонаи коммуналии воҳиди давлатии “Бохтарнақлиётхизматрасон” ва сохтмони мактаби хусусӣ таълимоташ бо забонҳои хориҷӣ, ки аз ҷониби соҳибкор Назриев Ҷамшед сохта шуда истодааст, дидан намуда, бо масъулини лоиҳаи “Рушди нақлиёти ҷамъиятии вилояти Хатлон” Сафаров Тоҷиддин, сардори қитъаи сохтмони Маркази перенаталӣ Табаров Фаридун суҳбатҳо гузаронида, нисбати босифат ва сари вақт супоридани иншоотҳо, анҷом додани корҳои ободонию созандагӣ ба онҳо дастурҳо дода шуд.

Ҳамзамон гуруҳи кории Кумита тибқи саволномаи таҳиянамудаи Раёсати кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтарро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, натиҷаи он ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2020, №1/4 – 409 пешниҳод гардид.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2020, №11/10-13 вобаста ба таъмин намудани иҷрои супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 29 апрели соли 2020, №11/10 чораҷӯӣ намуда, аз натиҷа мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июни соли 2020, №1/5 – 155 ирсол карда шуд.

Кумитаи рушди маҳал дар соли 2020 тибқи супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷаи иҷрои онҳо ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор маълумоти зарурӣ манзур гардидааст, аз ҷумла:

- аз 31 декабри соли 2019, №116546 (29-10) оид ба натиҷаҳои ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии миллии давлатҳои узви СҲШ, лоиҳаи замимашуда ва масъалаҳои дахлдори дар Протокол дарҷгардида;

- аз 3 январи соли 2020, №116471 (22-7) ва 08.01.2020 с., №171345 (22.6) оид ба "Атласи осебпазирӣ ва устуворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон";

- аз 14 январи соли 2020, №18984 (22-4) оид ба масъалаҳои коркарди пахта, пӯст, пиллаи хушк ва содироту воридоти онҳо;

- аз 29 январи соли 2020, №11200 (22.7) оид ба барпо намудани "Форуми тиҷоратии кишоварзии Хатлон", ки рӯзҳои 21-22 апрели соли 2020 доир мегардад;

- аз 01 феврали соли 2020, №2670 (22.8) дархости Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба арзиши хизматрасониҳои мақомот, ташкилоту муассисаҳо новобаста аз шакли моликият;

- аз 07 феврали соли 2020 соли 2020, №44588 (24.3) оид ба иншооти сохташаванда дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

- аз 10 феврали соли 2020, №2938 (29-13) лоиҳаи Консепсияи ҳамкории байнимминтақавӣ ва наздисарҳадии давлатҳои аъзои ИДМ барои давраи то соли 2020;

- аз 27 феврали соли 2020, №441104 (28-6) ва дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз 10 феврали соли 2020, №1/143 ҷиҳати ҷудо намудани 2,5 гектар қитъаи замини корами лалмӣ аз ҳисоби фонди махсуси заминҳои ноҳияи Данғара, барои сохтмони маркази саломатӣ ва иншоотҳои хизматрасонӣ, инчунин бунёди боғи фарҳангию фароғатӣ ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нури тиб»;

- аз 11 феврали соли 2020, №25438 (28-6) оид ба омӯзиши талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №97 “Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварии интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор” ва дар доираи риояи иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист”;

- аз 03 марти соли 2020, №441117 (28.6), дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ аз 20 феврали соли 2020, №148 ҷиҳати ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони муассисаи томактабӣ (боғчаи бачагона) дар майдони 0,40 га;

- аз 12 майи соли 2020, №442353 (28-6) доир ба дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз 1 апрели соли 2020, №1/487 оид ба ҷудо намудани қитъаи замин дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон;

- аз 15 майи соли 2020, №22348 (29-5.2) вобаста ба дархости Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 майи соли 2020, №28/112 “Оид ба мушкилиҳои иҷтимоии сокинони деҳаи Чароғони ноҳияи Ашти вилояти Суғд”;

- аз 15 майи соли 2020, №3248 (22.6) оид ба барномаи ҳамкорӣ бо Агентии Оғохон вобаста ба макони зист;

- аз 01 июни соли 2020, №8269 (29-5.1) оид ба масъалаҳои ҳавасмандгардонии сарҳадбонон ва сокинони ноҳияҳои назди сарҳади Тоҷикистон бо Қирғизистон;

- аз 21 июли соли 2020, №2к/65-24, Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Хуросон, Ёвон, Балҷувон, Ховалинг, Шамсиддин Шоҳин ва шаҳри Нораки вилояти Хатлон 9-11 баён доштанд;

- аз 24 июли соли 2020, №3175 (24), дархости Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 14 январи соли 2020, №1/21 вобаста ба рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои вилоят ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- аз 07 августи соли 2020, №444394 (23-10) оид ба дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт аз 20 июли соли 2020, №383/01, ҷиҳати сохтмони бинои маъмурии Ҷамоати шаҳраки Навобод, ки санги асоси он аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузошта шуда, аз ҳисоби маблағҳои мутамаркази буҷети ҷумҳуриявӣ ба воситаи шуъбаи сохтмони асосии назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия идома дошта;

- оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Хуросон, Ёвон, Балҷувон, Шамсиддин Шоҳин ва шаҳри Нораки вилояти Хатлон аз 9-11 июли соли 2020 баён доштанд;

- аз 23 июли соли 2020, №17657 (29-3.3) масъалаи пешниҳоди Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ифтитоҳи минтақаи озоди тиҷоратии муштарак дар минтақаи озоди иқтисодии “Кукон” назди гузаргоҳи сарҳадӣ – гумрукии “Андархон” – и ноҳияи Бешарики Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

- аз 29 июли соли 2020, №17434 (29-13) ва аз 12 августи соли 2020, №29/2-275 вобаста ба рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Протоколи ҷаласаи 6-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Ӯзбекистон оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ;

- аз 18 августи соли 2020, №113830 (29-3.1) маводи ҷаласаи навбатии Шӯрои иқтисодии ИДМ;

- аз 11 сентябри соли 2020, №2к/76-22 оид ба Комиссияи давлатии мусоидат ба баруйхатгирии аҳолӣ ва даъватшавандагон;

- аз 16 сентябри соли 2020, №2к/77-24 нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳри Кӯлоб баён доштанд;

- аз 12 октябри соли 2020, №115128(29-5) лоиҳаи Эъломияи ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳо (сарвазирон)-и СҲШ;

- аз 09 ноябри соли 2020, №115713(29) оид ба пешниҳоди бародаршаҳрӣ бо яке аз шаҳрҳои Малайзия;

- аз 1 декабри соли 2020 оид ба амалишудани банди 74 нақшаи чорабиниҳои протоколи сафари кории Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 2018, №2к/62-24 ва банди 50 нақшаи чорабиниҳои протоколи сафари кории Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2019, №2к/39-24, ки ҳангоми сафари корӣ ба шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Муъминобод ва Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон баён доштанд.

Бояд тазаккур дод, ки Кумита ҷиҳати иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2020, №114652 (29-3.3) вобаста ба сафари ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷиҳати омодагӣ ба сафари дарпешистодаи кории

Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо мақсади баргузории боздиду музокирот бо ҳамтоёни тоҷикистонии худ, гузоштани таҳкурсӣ барои тавсеаи муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва омода кардани бастаи созишномаҳои дуҷониба чораҳои зарурӣ андешид.

Доир ба ин масъала, дар Вазорати корҳои хориҷӣ ҷаласаи корӣ баргузор гардид, ки ҷиҳати қабул ва ҳамроҳӣ кардани меҳмонон ба Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Кӯлоб намояндагони ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳайати 9 нафар аз вилоятҳои Ҷизах ва Сирдарё вобаста карда шуданд.

Робита ба ин, бо фармоиши Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2020 Нақшаи чорабиниҳои Кумита оид ба қабул ва гусели меҳмонон аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба тавсиб расида, ба мутасаддиёни асосии чорабинӣ вазифаҳои мушаххас дода шуд.

Қабули меҳмонон аз ҷониби Тоҷикистон, роҳбарият ва кормандони масъули Кумита, роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Варзоб дарбар гирифт.

Дар ноҳияи Варзоб дар комплекси истироҳатии “Кохи Малика”мизи мудаввар бо роҳбарияти Кумита, мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ва шаҳри Кӯлоб дар мавзӯи баргузории музокирот бо ҳамтоёни тоҷикистонии худ, гузоштани таҳкурсӣ барои тавсеаи муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва омода кардани бастаи шартномаҳои дуҷониба бударо дарбар гирифта, ҷиҳати вусъат бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба дар муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии байни ҳайатҳои ду давлат мубодилаи афкор анҷом дода шуд.

Таъкид гардид, ки густариши муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии байни ду кишвар барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувори ҷонибҳо мусоидат хоҳад кард. Аз натиҷаи вохӯрӣ маълумоти муфассал ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 сентябри соли 2020, №1/5 – 302 ирсол гардид.

Вобаста ба иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.06.2020 с., №26/10-218 доир ба ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳо оид ба ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2020, мутобиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2011, №АП – 1729 чораҷӯӣ намуда, рӯзи 14 июли соли 2020, соати 09:00 дар АМИТ “Ховар” бо иштироки намояндагони ВАО баргузор гардид. Аз натиҷаи он аз 15 июли соли 2020, №1/5-236 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Кумита дар соли 2020 вобаста ба иҷрои супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- аз 15 январи соли 2020, 24/10-17 оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳри Турсунзода аз 3 январи соли 2020 баён доштанд;

- аз 24 январи соли 2020, №24/10-40 дар бораи иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар маросими ба истифода додани

иншооти дуюми обполакҳои регии “Худҷореъ”, корхонаи коркарди пахта ва истеҳсоли маҳсулоти пахтагин, бинои нави таълимӣ барои 860 ҷойи нишаст дар заминаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65 ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 15 январи соли 2020 баён доштанд;

- аз 12 феврали соли 2020, №24/10-63 вобаста ба ислоҳи камбудиҳои дар мактуби Раёсати кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷгардида;

- аз 14 феврали соли 2020, №25504 (29-3) оид ба иштирок дар Фестивали кушоди байналмилалии "Баҳори донишҷӯёни давлатҳои узви ИДМ" рӯзҳои 26 июн – 2 июли соли 2020 дар шаҳри Қазони Федератсияи Россия;

- аз 25 феврали соли 2020, №29/10-100 вобаста ба вохӯрии сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ;

- аз 24 феврали соли 2020, №25605 (26.6) ҷиҳати иштирок дар дави наврӯзӣ ва марафони велосипедронӣ бахшида ба таҷлили ҷашни байналмилалии “Наврӯз”;

- аз 03 марти соли 2020, №11917 (29-52) оид ба Шӯрои ҳамоҳангсозии миллии давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай;

- аз 04 марти соли 2020, №22-3/114 вобаста ба иҷрои супоришҳои протоколи №22-3/144 аз 04.03.2020 с., ҷаласаи XX Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ;

- аз 05 марти соли 2020, №44115 (29-3.1) бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ лоиҳаи Созишномаи ҳамкорӣ байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Ҳукумати вилояти Кемерово;

- аз 17 марти соли 2020, №2485(24-3.3) оид ба лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ барои давраи то соли 2030;

- аз 06 апрели соли 2020, №22/4-10 вобаста ба иҷрои банди 8 протоколи маҷлиси назди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- аз 12 апрели соли 2020, №112037 (29-5.2) оид ба натиҷаҳои вохӯрии намояндагони доимии давлатҳои аъзои СҲШ;

- аз 24 апрели соли 2020, №24/10-5 оид ба лоиҳаи Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2020;

- аз 11 марти соли 2020,. №24.2/10-101, 10 июли соли 2020, №113050(29-5.2) вобаста ба лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои асосии раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ дар солҳои 2020-2021;

- аз 06 майи соли 2020, №11/11-13 оид ба нақшаи чорабиниҳои коргузорӣ ва назорат дар вазорату идораҳо, ки аз ҷониби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2020 тасдиқ шудааст;

- аз 07 майи соли 2020, №22/10-223 (6) лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушд”;

- аз 15 майи соли 2020, №24/10-179 оид ба ҷараёни амалишавии протоколи ҷаласаи назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2020, №2к/10-179;

- аз 05 июни соли 2020, №112470 (24-5.2) пешнависи Бонки қарорҳои беҳтарин “Нақшаи амалҳо дар соҳаи рушди ҳудудҳои дурдасти давлатҳои аъзои СҲШ”;

- аз 23 июни соли 2020, №30/10-103 вобаста ба иҷрои бандҳои нақша чорабиниҳо аз 16 июни соли 2020, №24/10-230 оид ба дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Ҷайҳун ва Данғараи вилояти Хатлон 28-30 майи соли 2020 баён доштанд;

- аз 13 июли соли 2020, №26/10-242 Нақшаи обуна ба рӯзномаю ҳафтаномаҳои Ҷумҳурият, Садои мардум, Народная газета ва ғайра барои соли 2021;

- аз 20 июли соли 2020. №17/10-62 дар бораи пешниҳоди хулоса оид ба лоиҳаи Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2019, №АП-1211 аз ҷониби гурӯҳи кории байниидоравӣ таҳиягардида;

- аз 06 августи соли 2020, №113542 (29) оид ба омӯзиши сафари кории Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея ба вилояти Кёнгсан-Пукдо;

- аз 24 августи соли 2020, №17745(22.6) “Дар бораи Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо”;

- аз 01 сентябри соли 2020, №24/10-330 дар бораи “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015-2019”;

- аз 02 сентябри соли 2020, №24/10-332 ҷиҳати иҷрои бандҳои Нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Балҷувон ва Ховалинги вилояти Хатлон 5-8 августи соли 2019 баён доштанд;

- аз 02 сентябри соли 2020, №24/10-333, ҷиҳати иҷрои бандҳои 6, 10, 11 ва 22-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳри Ваҳдат санаи 2 августи 2019 баён доштанд корбарӣ намуда, аз натиҷаи иҷрои супоришҳои болозикр ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор ахборот манзур намудааст;

- аз 03 сентябри соли 2020, №3267(29-3.3) Лоиҳаи санадҳо оид ба ҳамкорӣ бо минтақаҳои Ҷумҳурии Озарбойҷон;

- аз 05 сентябри соли 2020, №3267(29-3.3) лоиҳаи Созишномаи бародаршаҳрӣ байни шаҳрҳои Душанбеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон;

- 11 сентябри соли 2020, №3271(29-3.3) ва аз 01 октябри соли 2020, №29/10-164 ҷиҳати гузаронидани расмиёти дохили давлатии Созишномаи вилояти Суғд ва вилояти Нижегородский Федератсияи Россия;

- аз 23 октябри соли 2020 с., №3307(29-5.2) ҷиҳати баргузории нахустин Форуми роҳбарони минтақаҳои давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай;

Кумитаи рушди маҳал бо мақсади иҷрои банди 41 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2020, №1 ҷиҳати бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи Иди байналмилалии Наврӯз ба истифода додани иншооти ҷашнӣ, аз ҷумла корхонаҳои нави саноатӣ ва дар сатҳи баланди фарҳангӣ таҷлил кардани Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар ноҳияи

Мастчоҳ Гуруҳи корӣ таъсис ёфта, аз 10 то 13 марти соли ҷорӣ сафар намуда, аз натиҷаи он тибқи тартиби муқарраргардида ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот манзур гардид.

Бояд тазаккур дод, ки Шакли намунавии пешниҳоди маълумот ба "Маълумот оид ба арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал" иваз карда шуда, дар асоси паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ" зикр гардидаанд ва таклифҳои Раёсати кор бо мақомоти идоракунии маҳали Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2020, №24.2/10 – 5 такмил ёфта, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2020, №1/5 – 68 ирсол гардид.

Пас аз ин, тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2020, №363 (24.2) ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои баррасӣ ва иҷро ирсол карда шуд.

Боиси зикр аст, ки "Маълумот оид ба арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал" дар асоси муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дар самти такмилдиҳии Низоми идоракунии давлатӣ, иҷрои ваколатҳои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (моддаи 14), Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (моддаи 20), қонунҳои соҳавии мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, ки дар онҳо ваколатҳои мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ гардидаанд, Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти такмили идоракунии рушди маҳал (банди 9), вазифаҳои Низомномаи Кумитаи рушди маҳал (сархатҳои 9, 13, 17) таҳия гардидааст. Илова ба ин, иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" бармеояд, инчунин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2020, №64 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ва вазифаҳо барои соли 2020» ва нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2017, №7 оид ба ҳолатҳои беаҳамиятию хунукназаронаи роҳбарон ва пешниҳоди маълумоти бардурӯғ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои гуногун ба инобат гирифта шудааст.

Дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2020, №363 (24.2) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маълумоти ҷамъбастиро оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар нуҳ моҳи соли 2020, бо истифода аз "Маълумот оид ба

арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал" арзёбӣ гардида, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 2020, №1/5 – 351, №1/5 – 352, №1/5 – 353, №1/5 – 354 ирсол гардид.

Кумитаи рушди маҳал лоиҳаи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва матритсаи онро мавриди баррасӣ қарор дода, таклифу пешниҳодҳоро бо мактуби расмӣ аз 18 майи соли 2020, №1/5-171 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд. Пас ворид гардидани таклифу пешниҳодҳо иловатан лоиҳаи мазкур бе дарнзардошти матритсаи амалиёт баррасӣ гардида, пешниҳодҳо ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо аз 30 ноябри соли 2020, №1/5 – 477 ирсол карда шуд.

Доир ба лоиҳаи Барномаи давлатии экологии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ва Нақшаи чорабиниҳои он мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз 27 апрели соли 2020, №3/5-165 мактуб ба Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Кумита бо мақсади иҷрои банди 29 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон,, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Ҷайҳун ва Данғараи вилояти Хатлон 28 – 30 майи соли 2020 баён доштанд, рӯзи 2 октябри соли 2020 машварати корӣ дар мавзӯи "Тартиби таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо" бо иштироки намояндагони Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи рушди маҳал ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он (дар сатҳи муовини раис ва мутахассисони соҳавӣ) дар шаҳри Бохтар бо дарназардошти риояи қоидаҳои беҳдоштӣ барои пешгирии сирояти коронавирус «COVID -19» баргузор намуд.

Робита ба ин, аз ҷониби Кумита Гуруҳи корӣ таъсис ёфта, аз 17 то 21 ноябри соли 2020 ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон сафари корӣ анҷом дода, ба масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати таҳияи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ барои солҳои 2021 – 2025 кӯмаки ёрӣ – методӣ расонида шуд. Аз натиҷаи корҳои анҷомёфта мактуб ба Дастгоҳи иҷрояи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2020, №1/5 – 377 ирсол карда шуд.

Бояд тазаккур дод, ки рӯзи 4 декабри соли ҷорӣ дар якҷоягӣ бо Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзӯи «Ҳолат ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» иштироки олимон ва мутахассисони соҳа баргузор гардид, ки дар он рафти амалишавии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва масъалаҳои рушди маҳал мавриди муҳокима қарор гирифт.

Ҳамзамон, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷорӣ намудани низоми "Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ""-ро мавриди баррасӣ қарор дода, аз 08 апрели соли 2020,

№1/5-119 мактуби ҷавобӣ ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Аз оғози соли 2020 то ба имрӯз ҳуҷҷатҳои 36 (24 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон) шаҳру ноҳияҳои кишвар ба Кумита вобаста ба номивазкунии маҳалҳои аҳолинишин ворид гардида, 13 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси хулосаҳои пешниҳод намудаи вазорату идораҳо барои мувофиқа намудан омода карда шуд.

Инчунин, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.07.2020, №1-(3)-288 "Дар бораи ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021-2025", лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нақшаи бисёрсоҳавӣ оид ба беҳтар кардани вазъи ғизо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025", лоиҳаи нави Барномаи давлатии комплекси рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», лоиҳаи нави "Барномаи давлатии комплекси рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", лоиҳаи Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаи Нақшаи бисёрсоҳавӣ оид ба беҳтар кардани вазъи ғизо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025 – ро мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода, таклифу пешниҳодҳо ба мақомоти ваколатдор тибқи тартиби муқарраргардида ирсол карда шуд.

То ин давра, аз ҷониби Кумитаи рушди маҳал як қатор созишномаҳои минтақавии байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, тибқи тартиби муқарраргардида пешниҳод карда шуд, аз ҷумла: Созишномаи бародаршаҳри байни шаҳрҳои Душанбеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон, Лоиҳаи санадҳо оид ба ҳамкорӣ бо минтақаҳои Ҷумҳурии Озарбойҷон (Ёддошти тафоҳум миёни Ҷумҳурии Мухтори Нахчивони Ҷумҳурии Озарбойҷон, Созишнома миёни шаҳри Турсунзода ва шаҳри Сумгаити, Созишнома миёни ноҳияи Данғара ва шаҳри Нахчивон), Лоиҳаи ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тољикистон ва вилояти Челябински Федератсии Россия, Созишномаҳо байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Ҳукумати вилояти Нижегородск, Ҳукумати вилояти Ханти-Мансийск, вилояти Кемероваи Федератсияи Россия ва бародаршаҳрӣ бо яке аз шаҳрҳои Малайзия.

Вобаста ба иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 сентябри соли 2020, №24/10-330 оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳисоботи раиси шаҳри Кӯлоб доир ба чораёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №809 "Дар бораи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2015-2019"" хулосаҳои вазорату идораҳоро корбарӣ намуда, лоиҳаи болозикр дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №1/5 – 305 ирсол гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ ба 6 лоиҳаи қонунҳо хулосаҳои Кумита омода гардида, ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда шуд.

Кумита оид ба ташаккули сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал, такмили низоми идоракунии маҳаллӣ, такмил ва таҳкими асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва молиявию иқтисодӣ инчунин таҳкими низоми идоракунии маҳаллӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ” ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ”” таҳия намуд. Мақсади қабули ин лоиҳа, ба роҳ мондани ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва танзими муносибатҳои мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ равона гардидааст.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки лоиҳаи мазкур бо супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №21-3/171 дар якҷояги бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода, бо вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, кумитаҳои давлатии амнияти миллӣ, сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқа карда шуда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 декабри соли 2020, №1/6 – 387 ирсол карда шуд.

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2019, №1380 интихоботи даъвати нави вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо 1 марти соли 2020 таъин гардид.

Вобаста ба ин, аз ҷониби кормандони Кумита корҳои ташвиқотию тарғиботӣ байни сокинони шаҳри Бохтари вилояти Хатлон оид ба иштироки фаъолона дар интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ гузаронида шуд.

Ҳамзамон, бо ташаббусу ибтикори Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳайати гурӯҳи корӣ муовини Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун роҳбари гурӯҳ аз 17 феврали соли 2020 то 23 феврали соли 2020 дар вилояти Челябински Федератсияи Россия ҷиҳати ба роҳ мондани корҳои таблиғотӣ оид ба интихобот дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллӣ сафари корӣ анҷом дода, бо ҳамватаноне, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ кароp доранд, дар ҳамаи минтақаҳои калон воҳӯрию суҳбатҳо доир намуда, аз натиҷа ба Кумитаи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ахборот манзур карда шуд.

Инчунин, Кумита дархости Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2020, №312 ҷиҳати дар сатҳи баланд баргузор намудани интихоботи навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки

соли ҷорӣ дар назар аст, лоиҳаи Нақшаи муштараки ҳамкориҳоро барои муайян намудани шахсони мутасаддӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, рӯйхати шахсони мутасаддии Кумитаро ба Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №1/4-175 ирсол намуд.

Вобаста ба иҷрои Нақшаи чорабинии ҳамкории мувофиқагардида бо вазорату идораҳои ҷумҳурӣ оид ба доир намудани сӯҳбату вохӯриҳо бо аҳолии шаҳру ноҳияҳо, бахусус занон ва ҷавонон вобаста ба иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани руҳияи худогоҳию хештаншиносӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва фаъолона ширкат варзидан дар маъракаи интихоботӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, террористӣ ва экстремистӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, сафарбарии дружиначиёни ихтиёрӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар давраи интихобот, семинарҳои омӯзишӣ барои судяҳо ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба таъмини талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи интихобот аз 16 то 20 сентябри соли 2020 ба шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ фаъолона иштирок намуда, аз рафти омодагӣ ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 11 октябри соли 2020 баргузор мегардад, шахсони масъули Кумита иштирок намуда, ҳамзамон дар мавзӯи "Раванди татбиқи барномаҳои давлатӣ дар самти дастгирии занон дар маҳал" баромад намуданд.

Ҳамзамон, роҳбарияти Кумита ҳамчун шахсони боэътимоди номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияҳои Дарвозу Ванҷи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон аз 25 то 30 сентябри соли 2020 ва ноҳияҳои Балҷувону Ховалинги вилояти Хатлон аз 28 то 30 сентябри соли ҷорӣ сафар намуданд. Инчунин, намояндаи Кумита дар чорабинии таблиғотӣ-фарҳангӣ таҳти унвони "Аз мардум дар паҳлӯи мардум", ки рӯзи 05 октябри соли ҷорӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур баргузор гардид, фаъолона иштирок намуд.

Бояд тазаккур дод, ки аз ҷониби Кумитаи рушди маҳал ба суратҳисоби махсус оид ба корҳои профилактикӣ ва сироятшавии коронавирус "COVID-19" аз ҳисоби музди меҳнати моҳонаи роҳбарияти Кумита ба маблағи 3500 сомонӣ гузаронида шуда, ба як нафар гуруҳи маъюби якум сокини кӯчаи Анзоб хонаи 303 ба маблағи 300 сомонӣ кӯмаки молиявӣ расонида шуд.

Инчунин, дар арафаи моҳи шарифи Рамазон ва соли нави мелодӣ тибқи рӯйхати пешниҳоднамудаи бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба 30 нафар оилаҳои камбизоату эҳтиёҷмандон ба ҳар як оила 100 сомонӣ ҷамъ ба маблағи 6000 сомонӣ ва ба ташкилоти ҷумҳурявии ҷамъиятии хайравии "Дуои Пирон" ба маблағи 5000 сомонӣ кӯмаки молиявӣ расонида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади тақвият бахшидани донишу малакаи хизматчиёни давлатӣ ва иҷрои мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2019, №11-2190, бо фармоиши Раиси Кумита Нақшаи машғулиятҳои идоравӣ барои хизматчиёни давлатии Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

соли 2020 тасдиқ гардида, мутобиқи нақшаи машғулиятҳои идоравӣ дар вақти ба нақша гирифташуда гузаронида мешавад.

Дар ин давра, барои баланд бардоштани сатҳи дониши касбӣ, маърифати ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаи хизмати давлатӣ дар ҳамкорӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳои омӯзишӣ, такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ аз рӯи барномаҳои вобаста ба соҳаи хизмати давлатӣ 5 нафар (2 нафар зан, 3 нафар ҷавонон) мутахассисони Кумита иштирок намуда, донишу малакаи худро  баланд бардоштанд.

Инчунин, бо мақсади татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019, №1287 фармоиши Раиси Кумита аз 12 декабри соли 2019, №91 "Оид ба гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатии Кумита" ба имзо расонида шуда, ҷадвали гузаронидани баҳодиҳӣ тасдиқ карда шуд, ки дар ин замина, 25 нафар кормандони Кумита ба баҳодиҳӣ фаро гирифта шуда, аз натиҷаи ҷамъбасти он ба мақоми ваколатдор аз 10 январи соли 2020, №1/7-12 маълумот ирсол карда шуд.

Дар асоси мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2020, №03-63 вобаста ба иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.01.2010, №756 "Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" руйхати захираи кадрҳои Кумита омода гардида, натиҷаи он аз 13.01.2020, №1/7-13 ба мақоми ваколатдор пешниҳод карда шуд.

Дар асоси мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 сентябри соли 2020, №01/2-1959 дар бораи таъмини иштироки раисони комиссияҳои озмун барои ишғоли мансабҳои холӣ (муовинони якум/муовинони роҳбарони мақомоти давлатӣ) ва роҳбарони хадамоти кадрӣ дар семинари омӯзишӣ дар мавзӯи «Озмун барои ишғоли мансабҳои холӣ, баҳодиҳии фаъолият, ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунанда ва тартиби эъломиякунонии хизматчиёни давлатӣ» рӯзҳои 29-30 сентябри соли 2020, ки дар бинои Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида буд  иштироки шахсони масъул таъмин карда шуд.

Семинари мазкур дар доираи Созишномаи грантии «Баҳодиҳии Лоиҳаи дуюми Мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ» ва татбиқи зеркомпоненти 4.3. «Таҳкими идоракунии захираҳои инсонӣ» баргузор карда шуда, иштирокчиён бо маводҳои аввалиндараҷа таъмин карда шуданд.

Тибқи Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 тасдиқ шудааст, барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматчиёни давлатии маъмурӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои баландихтисос, салоҳиятнок дар хизмати давлатӣ, таъмини болоравии касбии хизматчиёни давлатӣ бо фармоиши Раиси Кумита аз 21 январи соли 2020, №6 «Оид ба гузаронидани озмун барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ дар Кумита» озмун эълон карда шуд, ки рӯзи 21 феврали соли 2020, 17 июли соли 2020 ва 14 октябри соли

2020 бо иштироки намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар асоси протоколи ҷаласаи комиссияи озмунии Кумита аз 14 сентябри соли 2020, №1 ба 2 мансаби холӣ 2 нафар довталабон ҳуҷҷатҳои худро барои ишғоли 1 мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ пешниҳод намуда, бинобар ҷавобгӯ набудан ба талаботи тахассусӣ 1 нафар ва танҳо 1 нафар довталаб мукамал будани ҳуҷҷатҳояш бо қарори комиссияи озмун ба суҳбат иҷозат дода нашуда, барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии Кумита аз нав эълон дода шуд.

Дар асоси фармоишҳои мазкур ва тибқи муқаррароти ҷойдошта ба 8 мансаби холӣ 14 нафар довталабон ҳуҷҷатҳои худро пешниҳод намуда, 8 нафар мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос бо тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии Кумитаро ишғол намуда, аз рӯи Низомномаи Кумита, дастурамали мансабӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд.

Оид ба ҷамъбасти натиҷаи озмун ба Дастгоҳи иҷрояи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлатҳои маълумотҳои дахлдор ирсол карда шудааст.

Ҷиҳати иҷрои моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005, №289 «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволи хизматчии давлатӣ», инчунин бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2020, №36/10-24 мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №04-280 аз 23.01.2020 ва фармоиши Раиси Кумита аз 10 январи соли 2020, №8 рӯзи 28 январи соли 2020 дар толори Кумита машғулияти идоравӣ баргузор карда шуд. Дар машғулияти номбурда оид ба тартиби пур кардани эъломия оид ба андоз аз даромад ва эъломия оид ба вазъи амволи хизматчии давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, маълумотномаҳои музди меҳнати кормандон дар соли 2019 омода гардида, дастраси кормандон гардонида шуд.

Дар ин давра, ба Кумита 1996 ҳуҷҷатҳо ворид гардидааст, аз он ҷумла:

Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 11 адад, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 34 адад, фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 52 адад, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 адад, қарори маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5 адад, нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 61 адад, 437 адад мактуб ва 40 адад барқияи ҳукуматӣ аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 144 адад барқияҳои телефонӣ аз вазорату идораҳо, 665 мактуб аз вазоратҳо, кумитаҳо ва дигар мақомотҳо, 545 мактубҳо аз вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ ворид шуда, 1 адад мактуб баргардонида шудааст.

Аз тарафи кормандон 103 адад фармоишҳои Раиси Кумита таҳия ва ба тасвиб расонида шуда, инчунин 900 адад мактуб аз ҷумла: 427 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 473 адад ба вазорату идораҳо,

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона ва ташкилотҳои дахлдор содир карда шудаанд.

Дар соли 2020, 6 адад муроҷиати хаттии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 2 адади он тариқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Кумита ворид гардида, саривақтӣ баррасӣ гардида, ба муроҷиаткунандагон ҷавобҳои дахлдор ирсол карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи роҳбарияти Кумита 47 нафар шаҳрвандон шифоҳӣ қабул карда шудаанд.

Дар ин давра, кормандони Кумита тибқи тартиби муқаррааргардида бо музди меҳнат ва маблағҳое, ки барои сафари хизматӣ пешбинӣ гардидааст, таъмин шуданд.

Ҳамзамон Кумита пешниҳодро доир ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар соли 2020 ва вазифаҳо барои соли 2021" ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2020, №1/5 – 488 ирсол намуд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумита ворид мегарданд, дар мухлатҳои муқаррааргардида таъмин намуда, вобаста ба иҷрои вазифаҳои низомномавӣ пайваста тадбирҳо меандешад.